# Мисоли муъмине, ки Қуръонро мехонад, мисли турунҷ (Cytron) аст, бӯйи хуш дорад ва таъмаш ҳам хуш аст. Ва мисоли муъмине, ки Қуръон намехонад, монанди хурмо аст, ки бӯй надорад ва таъмаш хуш аст

Аз Абумусои Ашъарӣ (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Мисоли муъмине, ки Қуръонро мехонад, мисли турунҷ (Cytron) аст, бӯйи хуш дорад ва таъмаш ҳам хуш аст. Ва мисоли муъмине, ки Қуръон намехонад, монанди хурмо аст, ки бӯй надорад ва таъмаш хуш аст. Ва мисоли мунофиқе, ки Қуръон мехонад, монанди райҳон аст, бӯяш хуш аст ва таъмаш талх. Ва мисоли мунофиқе, ки Қуръон намехонад, монанди ҳанзала (Colocynth) аст, бӯйе надорад ва таъмаш ҳам талх аст."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) тоифаҳои мардумро дар мавриди хондани Қуръон ва баҳрабардорӣ аз он баён кардааст. Тоифаи аввал: Муъмине аст, ки Қуръон мехонад ва аз он баҳра мебарад, пас ӯ монанди меваи утруҷҷа (навъе аз нок) аст, ки бӯйи хуш ва ранги хуб ва таъми хуш дорад ва фоидаҳои он зиёд аст. Яъне, чунин шахс ба он чи аз Қуръон мехонад амал мекунад ва ба бандагони Аллоҳ фоида мерасонад. Тоифаи дуввум: Муъмине, ки Қуръон намехонад. Ӯ монанди хурмо аст, ки таъмаш ширин аст, вале бӯй надорад. Монанди хурмо, ки дар ботинаш мазза ва ширини дорад, аммо бӯй надорад, ки мардум бибӯянд. Зеро хондани ӯ шунида намешавад, ки мардум аз шуниданаш роҳат кунанд. Сеюм: Мунофиқе, ки Қуръон мехонад, Ӯ монанди райҳон аст, ки бӯйи хуш дорад, аммо таъмаш талх аст. Зеро дилашро бо имон обод накардааст ва ба Қуръон амал намекунад. Аммо дар баробари мардум чунон ошкор мешавад, ки гӯё муъмин аст. Бӯйи хушаш ба хонданаш монанд аст ва таъми талхаш ба куфраш. Чаҳорум: Мунофиқе, ки Қуръон намехонад, монанди ҳанзала аст, бӯе надорад ва таъмаш низ талх аст. Бе бӯ буданаш ба Қуръон нахонданаш монанд аст ва таъми талхаш ба талхии куфраш монанд аст. Дарунаш аз имон холӣ ва берунаш ҳеҷ фоидае надорад, балки зиёновар аст.